FUNDACJA OCALENIE

# Маркази дастгирии қурбониёни шиканҷа

Бунёди Ocalenie як Маркази дастгирии қурбониёни шиканҷаро роҳандозӣ кардааст. Он то охири соли 2020 фаъолият хоҳад кард. Лоиҳа аз ҷониби Фонди ихтиёрии СММ барои қурбониёни шиканҷа маблағгузорӣ карда мешавад.

## Ки ба марказ муроҷиат карда метавонад?

Нафароне, ки метавонанд аз Маркази дастгирии қурбониёни шиканҷа бархурдор шаванд:
● хориҷиёне, ки айни замон дар Полша иқомат доранд,
● онҳое, ки бо зӯрӣ ё бо розигии мақомот (дар ҳама гуна кишварҳо) мавриди хушунат қарор гирифта буданд ва аз ин рӯ, эҳтимолан шиканҷа шуда буданд.

## Марказ чӣ гуна дастгирӣ пешниҳод мекунад?

Нафароне ки, ҷавобгӯи меъёрҳои дар боло зикршудаанд ва ба назди мо меоянд, ба онҳо мо пешниҳод менамоем:
● вохӯрии ташхисӣ бо равоншинос (дар ҳолати зарурӣ бо тарҷумон) оид ба санҷиши таъсири равонии шиканҷа,
● бо дархости муштарӣ хулосаи психологӣ барои шахси дахлдор дода мешавад.

Вобаста аз эҳтиёҷоти инфиродӣ, нафароне, ки ба дастгирии минбаъда ниёз доранд, бо назардошти таҷрибаи шиканҷа пешниҳод менамоем:

● психотерапия,
● табобати равонӣ,
● ёрии ҳуқуқӣ,
● дастгирии иҷтимоӣ.

Агар зарур бошад, мо инчунин метавонем ба оилаи шахс кӯмак расонем.

## Чӣ гуна бояд дархост кард?

Дархостҳоро бо забони дилхоҳ метавонанд ба суроғаи электорнии зерин равон кунед: dorota.przygucka@ocalenie.org.pl ё тавассути телефони 884 828 454 (поландӣ, англисӣ).

То беҳтар шудани вазъи эпидемия, мо машваратҳоро ба таври фосилавӣ - тавассути телефон ё онлайн (мувофиқи хости муштарӣ) баргузор хоҳем кард. Машваратҳои мустақим дар сурати имконпазир ва бехатар будани вазъият дубора оғоз меёбанд.

**Fundacja Ocalenie**
**ul. Krucza 6/14a, 00-537 Warszawa, tel.: (+48) 22 828 04 50**
**www.ocalenie.org.pl, e-mail: biuro@ocalenie.org.pl**
**BNP Paribas Bank Polska S.A. 53 1750 0009 0000 0000 2156 5539**